# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович “Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Офариниши чеҳраҳои давлатмардону паҳлавонон дар осори ҳамосӣ ва корбурди симои эшон ба унвони намоди ростиву дурустӣ, адлу дод, эҳсону саховат, родмардиву ҷасорат ва фазилатҳои инсонӣ ҳанӯз аз айёми ҳукумати Сосониён ба майдони адабиёт, ба вежа дар намунаҳои насри паҳлавӣ роҳ ёфта, баъдан дар даврони шукуҳманди иншои достонҳои ҳамосӣ тамоюли вежа касб кардааст. Зуҳури достонҳое чун “Ёдгори Зарирон”, “Корномаи Ардашери Бобакон” ва инчунин таълифоте дар ин аҳд роҷеъ ба шоҳону паҳлавонони дигар, ки баъдан дар ҳукми сарчашмаҳо барои зуҳури достони мустақили ҳамосӣ, бавежа “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ гардидаанд, ба қидмати ин равиши эҷодӣ, чеҳраофаринӣ ва дар заминаи он шаклгирии сужаҳои мухталиф дар адабиёти даврони баъдӣ таъкид меварзад. Ҳарчанд зуҳури достонҳои марбут ба чеҳраҳои сиёсӣ ва паҳлавонии даврони Сосонӣ ба воқеиятҳои таърихӣ марбут буда, аз ҳақиқати рӯзгори ҷории асри муайян маншаъ мегирад, вале дар эҷоди сужаҳо дар достонҳои ҳамосӣ ва офариниши чеҳраҳои бадеии ашхоси мазкур сувари хаёл ва ҳунари шоирӣ ё нависандагӣ нақши меҳварӣ пайдо кардааст.

Ҳарчанд роҷеъ ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, ки ҳамосаи бузурги миллӣ эътироф шуда, намунаи барҷастаи ин навъи мутадовили адабӣ дар асрҳои X-XI ба шумор меравад, таҳқиқоти фаровоне дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба анҷом расидааст, вале масъалаи таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар шумори мавзуоте қарор дорад, ки ба пажуҳиши он таваҷҷуҳи хеле кам зоҳир гардида. Он чӣ бештар дар манзари дидгоҳҳои илмии бархе аз муҳаққиқонро фаро гирифта, таҳқиқи қиёсии чунин образҳо дар маснавиҳои ҳамсон ба шумор меравад. Аз ин нигоҳ, диссертатсияи доктории **Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович “Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)”** аз аввалин таҳқиқоте дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, **ки** пажуҳиши ташаккули сужа ва офариниши чеҳраҳои бадеии шоҳону паҳлавонони даврони Сосонӣ дар он нақши меҳварӣ касб кардааст. Бар пояи мабоҳиси аслӣ, нуктаҳои меҳварии таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш, ки ҳамагӣ қобили аҳаммият буда, масоили тозаи илмӣ дар онҳо дар заминаҳои сарчашмашиносӣ, халлоқияти ҳунарӣ, сувари хаёл, офариниши бадеии симоҳои таърихӣ баён гардиданд, метавон изҳор дошт, ки диссертатсия ба **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.**

Аз рӯи таҳқиқоти роҷеъ ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва шоҳномаҳои дигар, бахусус шоҳномаҳои таълифӣ дар забони арабӣ, таърихномаҳои фарогири воқеоти рӯзгори сосонӣ ба анҷомрасида маълум мегардад, ки соҳибони ин осор, бавежа муаллифи ҳамосаи миллӣ дар ҷараёни таълифи хеш бо он ки бар манобеи адабиву таърихии тоисломӣ такя мекунанд, вале нақши тахайюли бадеӣ ва халлоқияти ҳунарии вай дар эҷод, такмил ва ташаккули сужаву образҳо хеле муҳим аст ва ин ҷанбаи муҳими адабӣ на танҳо дар иншои достонҳои асотириву паҳлавонӣ, балки ҳамосаҳои таърихӣ низ ҷилваи равшан доранд. Нақши ин аносири адабӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ барҷастатар аст ва ҳамин фарқияти куллӣ арзиши адабии ҳамосаи миллиро аз “Корномаи Ардашери Бобакон”, “Таърихи Табарӣ” ва дигар таърихномаҳои ин аср ё шоҳномаҳои мансур авлавият мебахшад, чун ин осор бештар ба воқеиятҳои таърихӣ ва нақли қавл аз манобеи дигар такя кардаанд. Фирдавсӣ баробари руҷҳон бар ин манобеъ халлоқияти ҳунарии хешро дар баробари нақли рӯйдодҳои таърихии марбут ба зиндагӣ ва корномаҳои паҳлавонон ба таври барҷаста ба намоиш гузоштааст. Ба назар мерасад, ки ҳамин ҷанбаи муҳими эҷодии “Шоҳнома” ва дигар осори мушобеҳи он, ки ба маҳорати сужасозӣ ё таҳаввули сужаҳо ва образҳои мутаккӣ бар ҳаводиси таърихӣ аз ҷониби муаллифи он такя мекунад, аз дидгоҳҳои муҳаққиқони дигари чунин осор, бавежа ҳамосаи миллӣ берун монда ва дар диссертатсияи Юлдошев Абдулла ба сурати **татбиқӣ ва қиёсӣ бо осори таърихӣ ба риштаи таҳқиқ** кашида шудааст. Маҷмуи ин баррасиҳои анҷомёфта, ки бар пояи шинохти халлоқияти ҳунари соҳиби асар ва муқаррар кардани арзишҳои адабии он бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ҷараён гирифта, силсилаи симову сужаҳои марбут ба зиндагонии онҳоро муаррифӣ мекунанд, худ аз худ **мубрамият ва муҳиммияти** таҳқиқоти анҷомёфтаро муайян месозанд.

Ҳарчанд дар меҳвари баррасии аслӣ “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ қарор мегирад, вале матолиби аслии таҳқиқоти мавриди назар бо такя бар манобеи муҳими таърихиву адабии ба таъкиди диссертант дар фосилаи қуруни III то XIV таълифшуда, ба қалам омадаанд. «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, тарҷумаи озоди тоҷикии «Таърих»-и Табарӣ, ки аз ҷониби Абуалии Балъамӣ сурат гирифтааст, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, тарҷумаи арабии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Ғурару ахбори-л-мулуки-л-фурс ва сиярҳим»-и Саолибӣ, инчунин таърихномаҳои куҳани юнониву румӣ, ки роҷеъ ба таърихи подшоҳони Аҷам нақли қавл кардаанд, аз ҷумлаи ин осор ба шумор меравconfigured. Муаллиф дар умум онҳоро бештар аз ҳафтод адад унвон намуда, ки аз сӯи шасту як муаллиф ба қалам омадаанд.

Чун таҳқиқи таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони даврони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик меҳвари аслии ин пажуҳиш ба ҳисоб меравад, истифода аз ин осор ба диссертант имкон додааст, ки ин раванди таҳаввулотро дар асоси қиёси матолиби таълифоти мазкур,

инчунин достонҳои ҳамсон дар адабиёти халқҳои дигаре чун юнониву румӣ, арабу рус ва монанди инҳо мушаххас намояд. Дар заминаи чунин шеваи баррасӣ низ **арзиши муҳими илмӣ ва тозагии таҳқиқот** муқаррар карда мешавад.

**Навгонии илмии диссертатсия дар баробари ин** дар он ҷилвагар мешавад, ки **дар он бори нахуст** дар адабиётшиносии тоҷик дар баробари таҳқиқи таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ адабиёти тоҷик тақрибан ҳамаи сарчашмаҳои адабиву таърихии марбут ба ин давра муқоиса шудаанд. Таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант муқаррар кардааст, ки дар осори адабӣ ва манобеи мавриди таҳқиқ дар баробари образҳои маъруфи подшоҳони ин давра, яъне Бобак ва Сосон симои 26 нафар подшоҳ, ду шаҳбону ва 3 шахсияти дигар, ки ҳарчанд ба тахти салтанат дар аҳди Сосонӣ нишаста будаанду вале дар ин мақом эътироф шудаанд, ба меҳвари баррасӣ кашида шуда, нақду назарҳои қобили таваҷҷуҳ роҷеъ ба умумият ва фарқиятҳои сужаҳои достонҳои мазкур баён гардидааст. Дар умум, диссертант муқаррар кардааст, ки дар тамомии сужаҳои марбут ба шоҳону паҳлавонони Сосониён ҳаштсаду бистучаҳор персонаж ва қаҳрамонон ҳузур доранд. Дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ бошад маҷмуи ин сужаҳо дар бештар аз ҳаждаҳ ҳазор байт бозтоб ёфтааст, ки ин таҳқиқи оморӣ дар асоси матни интиқодии Маскав муқаррар шудаст.

Юлдашев Абдулла дар диссертатсияи доктории хеш ҳангоми пажуҳиши масоили меҳварӣ мулоҳизаҳои хешро дар навбати аввал дар заминаи таҳқиқи қиёсии сужаву образҳо дар осори таърихиву адабӣ, инчунин бо такя бар консепсияҳои илмӣ ва таълифоти назарии олимони ватанию хориҷӣ баён доштааст. Аз ин нуқтаи назар, **натиҷаҳои таҳқиқ қобили эътимод ва боварибахш мебошанд.** Афзун бар ин, дар диссертатсия масъалаҳои меҳварии барои таҳқиқ манзуршуда муҳим ва арзишманд буда, бар пояи онҳо муаллиф ба хулосаҳои собити мантиқӣ ва илмӣ расидааст. Ҳаҷми мавод, монография ва мақолаҳои аз рӯи мавзуи таҳқиқот ба нашр расида, коркарди натиҷаҳои назариву амалӣ ва асосҳои методологии он **мувофиқати диссертатсияро** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ таъйид мекунанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои пажуҳиш ва равишҳои таҳқиқи истифодашуда на танҳо дар раванди баррасии масоили адабиётшиносӣ, балки дар таҳқиқоти муаммоҳои риштаҳои таърих, ҷомеашиносӣ, фарҳангпажуҳӣ ва улуми дигар низ қобили истифода ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, диссертатсия на танҳо ба муҳаққиқону адабпажӯҳони тамоюлҳои назария ва таърихи адабиёти тоҷик, адабиётшиносии муқоисавӣ, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён, балки барои пажуҳишгарони самтҳои дигаре чун таъриху фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносиву мардумшиносӣ, низ кӯмаки амалӣ расонида метавонад. Матолиби диссертатсия ва маводи сарчашмаву манобеи дар он истифодашуро ҳангоми иншои китобҳои

таърихи адабиёти тоҷик, бавежа, таърихи адабиёти асрҳои X-XI, адабиётшиносии татбиқӣ, китобҳои дарсӣ, таълиму тадриси курсу семинарҳои ихтисос оид ба таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, поэтика ба кор гирифтан имконпазир аст.

Юлдашев Абдулла аз рӯи мавзуи диссертатсия 1 монография 22 мақола, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷалла ва маҷмуаҳои гуногуни илмӣ нашр гардидааст. **Маводи интишоргардида,** ки дар қисмати «Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия» феҳристи он оварда шудааст, матолиб ва масоили аслӣ, натиҷаҳои назарӣ ва амалии пажуҳиш ва дар умум, муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунанд. Аз ин сабаб, **саҳми шахсии довталабро** дар раванди таҳқиқи мавзуъ, яъне баррасии таҳаввули сужа ва образҳои шоҳон ва паҳлавонони замони сосонӣ дар адабиёти тоҷик метавон ба таври махсус таъкид ва қайд намуд.

Диссертатсияи мавриди тақриз аз муқаддима, 3 боб, 17 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ аз рӯи мавзуи он таркиб ёфтааст.

Дар **Муқаддимаи** диссертатсия маҷмуи талаботе, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш овардани онҳоро муҳим ба шумор меоварад, риоят гардида, мубрамият ва муҳимият, дараҷаи омӯхта шудан, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариву амалии таҳқиқот баён гардида, мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш дақиқу аниқ муайяну муқаррар шудаанд. Диссертант **нуктаҳои асосиеро ба ҳимоя пешниҳод намудааст**, ки дар адабиётшиносии тоҷик, бавежа таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик аз аҳамияти муҳим бархурдоранд.

**Боби аввали** диссертатсия **“Сужаҳо ва образҳои подшоҳону паҳлавонон дар оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳии Сосониён (солҳои 205-379)”** унвон дошта, масоили меҳварии таҳқиқ дар шаш фасл баррасӣ шуданд. Нуктаи қобили таъкид он аст, ки диссертант шеваи қобили таваҷҷуҳро дар умум дар диссертатсия пеш гирифтааст, ки ба се бахш ё давра тасниф ва табақабандӣ намудани тамоми даврони сосонӣ ба шумор меравад. Чунонки аз унвони боб ҳам маълум мегардад, меҳварҳои пажуҳишии онҳо баррасии таҳаввули сужаҳои марбут ба шоҳон ва паҳлавононе фароҳам овардаанд, ки давоми солҳои 205-379 зиндагонӣ ва кишвардорӣ намудаанд. Ин давраро оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳии сосонӣ унвон намуда, ки дар он дар умум симои 9 нафар подшоҳон ва сужаҳои марбут бар онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Таҳқиқ дар заминаи матолиби марбут ба меҳварҳои пажуҳишии ин боб имкон додааст, ки мулоҳизаҳои илмии хешро аз сужаҳои марбут ба Сосон ва Бобак оғоз намуда, дар идома сужаҳои марбут ба Ардашери Бобакон, Шопури Ардашер, Урмузди

Шопур, Баҳроми Урмузд, Баҳроми Нарсӣ, Баҳроми Баҳромиён, Урмузди Нарсӣ, Шопури Зулактоф бар шеваи сарчашмашиносӣ ва таҳқиқи қиёсӣ баррасӣ шудаанд. Як арзиши муҳими таҳқиқоти дар ин боби диссертатсия анҷомёфта дар он зоҳир мешавад, ки ҳарчанд достони Куруши Кабир дар “Шоҳнома” нақл нашудааст, вале диссертант масоили баҳсбарангези марбут ба онро, ки дар сарчашмаҳо ба сурати мухталиф нақл шудаанд, бар пояи осори куҳани эронӣ ва манобеи арабиву яҳудӣ ба таҳқиқ кашида, барои истиқрори ҳақиқати таърихӣ иқдомоти шоёни илмӣ анҷом додааст. Дар умум, дар ҳар фасли ин боб масъалаи таҳқиқи қиёсии сужаҳои дар таърихномаҳои ба таъбири диссертант афсонамоманд бо манобеи мустанад ва дақиқи илмӣ, осори бадеӣ, бахусус “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба таври амиқ ҷараён гирифта, хулосаҳои мушаххаси хешро баён намудааст. Ҳосили ҷустор ва пажуҳишҳои муаллифи рисола ин натиҷаро ҳам ба бор оварда, ки ба чандин мутуни куҳани суғдиву паҳлавӣ, манобеи тоисломӣ, ки асолати сужаҳо дар аксари онҳо сурати мушаххастар дорад, даст ёфта, дар ҷараёни таҳқиқ аз онҳо истифода кунад.

Баробари ин, яке аз шеваи қобили таваҷҷуҳ дар таҳқиқи матолиби меҳварӣ он аст, ки дар заминаи пажуҳиши оморӣ миқдори умумии абёти “Шоҳнома”-ро, ки дар онҳо роҷеъ ба ҳар яке аз ин ашхос сухан рафтааст, бар асоси нашрҳои мавриди истифодаи ҳамосаи миллӣ дақиқ намуда ва ҳамин равишҳо дар бобҳои дигар низ идома бахшидааст. Аз ҷумла, дар бораи Яздгирд писари Баҳроми Гӯр чунин оварда: “Дар «Шоҳнома» подшоҳии Яздгирд писари Баҳроми Гӯр, ки ба ҳисоби Фирдавсӣ ҳаждаҳ сол будааст, дар чопи интиқодии Душанбе ҳамагӣ дар бисту шаш байт омадааст”(Дисс., саҳ.183). Албатта, иттилои Фирдавсӣ бо сарчашма ва манобеи дигар мавриди таҳқиқи қиёсӣ қарор гирифта, ба таври махсус афзудаҳову ибтикори нигорандаи “Шоҳнома” дар таҳаввули сужаҳо муқаррар гардидааст, ки ин амр дар шинохти халлоқияти ҳунарии шоир нақши муҳим бозидааст.

**Боби дувуми диссертатсия “Сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон дар марҳилаи мобайнӣ ва подшоҳии Хусрави Қубодон-Анӯшервон (солҳои 379-579)”** унвон дошта, дар 6 фасл матлабҳои меҳварии таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Дар ҷараёни пажуҳишҳои анҷомёфта дар ин боб мабоҳисе роҷеъ ба сужаҳои марбут ба бештар аз даҳ шахсияти дигари даврони сосонӣ, Ардашери Некукор, Шопур писари Шопур, Баҳром писари Шопур, Яздгирди Базаҳгар, Баҳроми Гӯр, Яздгирд писари Баҳроми Гӯр, Пирӯз писари Яздгирд, Балош писари Пирӯз, Қубоди Пирӯз, Хусрави Қубодон – Анӯшервон ва Бузургмеҳр ҷараён гирифтаанд, ки аз ҳар ҷиҳат қобили таҳаввуҳ ва ҳоизи аҳаммияти муҳим мебошанд. Дар назари аввал, аксари шахсиятҳои марбут ба ин давраи ҳукмронии Сосониён дар низоми кишвардорӣ ин сулола нақши калидӣ доранд ва баъдан дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик низ бо сабаби ҳамин хидматҳо сужаҳои фаровоне бар пояи осори ҷудогона ва ҳикоёте дар таркиби ҳамосаву достонҳои мухталиф ба вуҷуд омада, ки Анӯшервон ва

вазири донишманди ӯ Бузургмеҳр аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Бино бар пажуҳиши диссертант дар “Шоҳнома” сужаҳои марбут ба Анӯшервон дар 4536 байт таҷассум ёфтаанд. Нуктаи қобили таъкид он аст, ки ин оморгирии дар диссертатсия истифодашуда дар асоси матни чопи Душанбе сурат гирифтааст. Аммо, диссертант танҳо бар ин нукта иктифо накарда, дар оғози фасли панҷуми боби дувум миқдори умумии абёти марбут ба Анӯшервонро дар мутуни чопи Маскав ва “Шоҳнома” дар тасҳеҳи Ҷалол Холиқии Мутлақ низ овардаву чунин таъкид кардааст: “Қиссаи подшоҳии Анӯшервон, бисту дуюмин подшоҳи Сосонӣ, ки чилу ҳашт сол будааст, дар чопи интиқодии Душанбе дар чор ҳазору панҷсаду сию шаш, дар чопи интиқодии Москва дар чор ҳазору чорсаду шасту ҳашт, дар матни интиқодии Ҷалол Холиқии Мутлақ дар чор ҳазору панҷсаду ҳабдаҳ байт омадааст. Ба шумори байтҳо ин калонтарин қиссаи подшоҳӣ мебошад, ки дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» гуфта шудааст” (Дисс., саҳ. 209).

Шеваи мазкури таҳқиқ аз чанд ҷиҳат қобили аҳаммият аст. Аз нигоҳи аввал, паёме аз он мерасонад, ки дар ҷараёни таҳқиқ диссертант танҳо ба як матни “Шоҳнома” иктифо накарда, се нашри муътабари онро истифода кардаанд, ки дар доираи илмии ватаниву хориҷӣ эътироф шудаанд. Ин амр **арзиши илмии диссертатсияро** дар матншиносии “Шоҳнома” дар иртибот ба достонҳои мавриди **таҳқиқ афзудааст.** Аз ҷониби дигар, бо ҳамин шеваи татбиқии матншиносӣ диссертант муқаррар кардааст, ки аз лиҳози шумораи абёт калонтарин қиссаи подшоҳии марбут ба Сосониён мебошад, ки дар “Шоҳнома” нақл шудааст. Ин хулосаи илмӣ дар асоси фарқиятҳое, ки дар ин нашрҳо дида мешаванд, боз ҳам дақиқ мегардад, чун аз нигоҳи миқдори абёт фарқияти зиёде дар ҳар се матн ба мушоҳида намерасад.

Афзунии теъдоди абёт низ ифодаи нақши пуртаъсири вай дар рӯзгори ин сулола ва таваҷҷуҳи хоси Фирдавсӣ ба ӯ ва достонҳои марбути зиндагӣ ва пайкори вай дар “Шоҳнома” ба шумор меравад. Аз ин миқдор абёт 625 байт ба андарзҳои Бузургмеҳр бахшида шудааст, ки ба таъкиди диссертант маҳз риояи суннати амонатнигаҳдорӣ дар нақли қавли ин Ҳакими тавоно бар пояи мутуни куҳан омил бар маҷмуи суханони ҳикматомӯзи ин вазири доноро дар ин ҳаҷм биоварад.

Дар ҷараёни баррасии сужаи марбут ба Анӯшервон диссертант як ҳақиқати таърихиро собит намуда, ки бисёр муҳим ва қобили таваҷҷуҳ аст. Ҳарчанд, Динаварӣ, Яъқубӣ ва чанде аз дигар аз муаллифон Анӯшервонро зодаи издивоҷи Қубод ва духтари деҳқони Аҳвоз унвон мекунанд, вале диссертант дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла “Таърихи Табарӣ”, «Таҷорубу-л-умам ва таоқубу-л-ҳимам» ва осори дигар, ба таъкиди худаш “бо пайравӣ аз Нёлдеке” модари ӯро Нишопурӣ ва аз ҷумлаи тоҷикони ин сарзамин донистааст.

Як нуктаи қобили таъкид дар равиши таҳқиқи диссертант дар он зоҳир мешавад, ки дар ҷараёни баррасиҳо танҳо ба масъалаҳои меҳварии диссертатсия маҳдуд нашуда, нукотеро низ ба доираи баҳс мекашад, ки арзише дар шинохти масоили марбута ба ҷуғрофиёи таърихӣ,

мардумшиносӣ, забоншиносӣ, бавежа решашиносӣ, шевашиносӣ доранд. Аз ҷумла, дар ин бахш ва хеле дар умум дар тамоми диссертатсия номвожаҳои ҷуғрофии куҳан бар пояи “Шоҳнома”, сарчашмашиносии калимаи “тоҷик”, ҳифозати вожаву таркиб ва ибораҳои мавриди истифодаи Фирдавсӣ дар гӯйишҳои муосир ва амсоли ин барин масоили қобили аҳаммият шарҳу тафсир ёфтаанд. Аз ҷумла, дар заминаи таҳқиқи сарнавишти вожаи “Гулзарриюн”, ки дар “Шоҳнома” ҳамчун руд зикр шуда, (Чу гул шуд ба ранг оби Гулзарриюн) муқаррар намудааст, ки он номи дигари рудхонаи Сайҳун, яъне Сирдарёи кунунист. Ҳамзамон, Шумон ё Ҳисор будани Сумон ва Файзободи кунунӣ ба шумор рафтани “Висагирд” -ро низ таъкид кардааст, ки **аз ҳар ҷиҳат ин мабоҳис дорои аҳамияти вежа** мебошанд. Бо зикри чанд ибораи хоси гуфтори тоҷикӣ дар забони “Шоҳнома” иртиботи сабки таълифи онро ба форсии фарорудӣ собит намудааст, ки аз ҷумлаи онҳо “они ман”, “они ту”, “муру малах”, “хондан гирифт”, “той” мебошанд. Аз ҷумла, роҷеъ ба ибораи “хондан гирифт” чунин оварда: “Номаи Хоқонро, ки ба чинӣ буд, Яздгирди дабир «хондан гирифт», ба ҳадде, ки «Аз ӯ анҷуман монд андар шигифт» [Фирдавсӣ Д.1990-8, с. 235]. Дар ин байт шакли феъли замони гузаштаи давомдор «хондан гирифт» метавонад аз аҳаммияти илмӣ холӣ набошад. Ин шакли феъл дар аксарияти шеваҳои тоҷикони ин тарафи Омӯ истифодаи фаровон дорад” (Дисс., саҳ. 251).

Боби **савуми диссертатсия “Сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон аз подшоҳии Ҳурмузди IV то инқирози давлати Сосониён (солҳои 579-654)”** ном дошта, дар панҷ фасл масоили аслии мавриди таҳқиқ ғунҷоиш ёфтаанд. Сужаҳои марбут ба 18 нафар шахсияти дигари даврони мавриди таҳқиқ дар ин бахши диссертатсия аз Ҳурмузди Анӯшервон оғоз ёфта, то Яздигурди Шаҳрёр мерасад, ки замони ӯ ба суқути давлати Сосониён рабт мегирад. Дар асоси чопи интиқодии Маскав диссертант муқаррар кардааст, ки роҷеъ ба ин шахсиятҳои таърихии замони мавриди таҳқиқ дар умум дар ҳафтҳазору панҷсаду ҳаштоду шаш байт сухан рафтааст. Бо ҳамон шеваи роиҷи пажуҳишӣ диссертант миқдори умумии абёти ҳар яке достонҳои ин бахшҳоро дар асоси се матни мавриди истифода муқаррар карда, баъдан раванди ташаккули сужа ва образҳоро шарҳу баён намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ равшан мешавад, ки пайванди сужаҳои марбут ба қаҳрамонони ин бахш мавҷуд аст, ки ҳангоми нақли ҷузъиёти достонҳо ин хати рабт дар канори ин ки барқарор боқӣ мемонад, ҷойгоҳи зуҳури ҳар яке аз онҳоро муқаррар месозад. Масалан, зимни нақлу нақд ва баррасии достони “Ҳурмузди Анӯшервон” ҷои дақиқи шуруи қиссаи Баҳроми Чубинро мушаххас мекунад. Дар канори ин, робитаи сужаҳо, ки бештар бо сабаби пайванди хунӣ доштани шоҳони сосонӣ устувор аст, аз ҳар ҷиҳат, бахусус такмили куллии достонҳо амиқу мушаххас таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки диссертант дар ин замина бо такя бар андешаҳои шоҳномашинос маъруф Нелдеке дар ихтиёри Фирдавсӣ қарор доштани як матни насри форсӣ дар бораи Баҳромро таъкид мекунад, ки аз паҳлавӣ ба сурати мустақим ба форсӣ

албатта истифода аз он дар такмили сужаҳои марбут ба ӯ дар “Шоҳнома” нақш гузоштааст. Ба эҳтимоли зиёд шояд ин гузинае аз ҳамон достонҳои марбут ба Баҳроми Чубин бошад, ки дар адабиёти омиёна ва насри ривоятӣ маъруф буда, заминаҳое барои эҷоди достонҳое манзум роҷеъ ба ин подшоҳи аҳди сосонӣ гардидаанд. Диссертант дар заминаи ҷусторҳои анҷомдодаи хеш ба хулосаи дурусти мантиқӣ мерасад, ки чеҳраи Баҳром дар адабиёти форсӣ нисбат ба дигар шоҳону паҳлавонони марбути хонадони мазкур шуҳрати бештар пайдо кардааст.

Як вежагии муҳими таҳқиқи анҷомёфта он аст, ки дар баробари дақиқ намудани теъдоди абёти марбут ба ин ё он симои шоҳон ё сужаҳои мавриди назар аз ҷониби ӯ лаҳзаҳо ё эпизодҳои зуҳури онҳо дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дақиқ мегардад. Вобаста ба чунин равиши илмии пажуҳишӣ диссертант тамоми лаҳзаҳое, ки симои мавриди назари ӯ зоҳир гардида, нақше аз худ мегузорад, мушаххас менамоянд, ки ин шева низ дар заминаи ба эътибор гирифтани робитаи байниҳамдигарии достонҳо имконпазир гардидааст. Бо ин усул, аз ҷумла, 30 лаҳза ё эпизоди марбут ба шахсияти Хусрави Парвезро мушаххасу муқаррар намудааст, ки дар “Шоҳнома” ҳузури шахсияти вайро дар робита бо симоҳои дигар дақиқ нишон медиҳанд. Ин шеваи баррасӣ дар тамоми диссертатсия дар робита ба ҳамаи образҳои мавриди таҳқиқ риоят шудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Юлдашев Абдулла дар 17 банд манзур гардида, барои мудаллал ва мустанад шудани онҳо дар интиҳои ҳар банд ба мақолаи нашрнамудаи муаллиф ишорат рафтааст. Дар 9 банд бошад, тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд, ки ҳамроҳ бо хулосаҳо мундариҷаи асосӣ, натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуоти меҳварии фаслу бобҳои диссертатсия ҳосилшударо ифода мекунанд.

Дар баробари чунин дастовардҳои назарраси илмӣ ва натиҷагириҳои қобили таваҷҷуҳ дар диссертатсия бархе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки таваҷҷуҳ бар рафъи онҳо омил бар такмили бештари ҷанбаҳои илмии таҳқиқ мегардад:

1. Бахши мубрамият ва муҳиммияти мавзуъ дар муқаддимаи диссертатсия хеле муфассал баён шуда, қисмати дараҷаи омӯзиш бошад нисбатан кутоҳ буда, на ҳамаи пажуҳишҳои дар ин ришта ба анҷомрасидаро фаро мегирад.
2. Дар бахши нуктаҳои меҳварии ба ҳимоя тавсияшаванда дар бораи эҷоди достонҳои алоҳидаи марбут ба Баҳроми Гӯр сухан рафта, аз таълифоти Низомӣ, Амир Хусрав ва Абдибеки Шерозӣ ёдоварӣ шудааст. Мусаллам аст, ки достони маъруфи ошиқонае бо номҳои “Баҳром ва Гуландом” ва “Баҳрому Дилором” низ мавҷуд аст, ки ба эҳтимоли зиёд дар заминаи зиндагиномаи ҳамин шахсияти таърихи даврони сосонӣ шакл ва ҳатто ба адабиёти ақвоми дигар ворид шудааст. Ҳарчанд, гунаҳои мансури ин достон ҳамчун намунаи осори ривоӣ дониста мешавад ва худи диссертант ҳам аз мавҷудияти як намунаи насрии он дар ихтиёри Фирдавсӣ сухан мекунад, вале дар достонҳои манзуми он симои марказӣ – Баҳром чун шоҳзодаи Румӣ ном бурда мешавад. Таҳқиқ дар сужаи он

муқаррар мекунад, ҷузъиёти зиёди он аз рӯзгори Баҳром ҷой доранд. Маснавии “Баҳром ва Гуландом”, ки ба қалами Аминуддин Муҳаммад Софии Сабзаворӣ тааллуқ дорад ва дар асри XVI эҷод шудааст, аз ҷумлаи ин достонҳост, ки маҳз муаллиф онро хоста, то чун “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба қалам оварад. Ҳаройина, ба назари мо агар диссертант ба сужаи ин достон ва баррасии татбиқии он бо ҷузъиёти зиндагонии Баҳром таваҷҷуҳ менамуданд, сарчашмаҳои аслии он муқаррару дақиқ ва маъзахи асосӣ мушаххас ва мабоҳиси баҳсбарангез ҳаллу фасл мегардид.

3. Дар сафҳаи 250 диссертатсия порае аз матни як қасидаи Фаррухӣ бо нақл аз сомонаи “Ганҷур” зикр шудааст. Зимни муқоиса равшан бо ин сомона маълум гардид, ки дар он ғалатҳое дида мешавад.

Нигорида бар чанд ҷо **мар** мусаввар,
Шаҳи Шарқро андар он кох пайкар,
Ба як ҷой дар разму дар даст зубин,
Ба як ҷой дар базму дар даст соғар».

Шакли дурусташ дар сомонаи “Ганҷур” чунин омада:

Нигорида бар чанд ҷо **бар,** мусаввар,
Шаҳи Шарқро андар он кох пайкар.
Ба як ҷой дар разму дар даст зубин,
Ба як ҷой дар базму дар даст соғар.

4. Баъзе аз манобеъ бидуни зикри саҳифа ва ҷой нашр оварда шудаанд. Масалан, диссертант дар фасли аввали боби савум чунин навишта. “Аммо Шопури Шаҳбозӣ дар мақолаи муфассали Sasanian Dynasty дар Encyclopaedia Iranica энсиклопедияи Iranicaonline ба дурустии ин мулоҳиза шубҳа намудааст”. Аммо тартиби китобшиносии овардани манбаъ дар ин маврид риоят нагардида. Ҳамзамон дар овардани манобеи электронӣ баъзе номукаммалии маълумот ба мушоҳида мешавад. Масалан, дар сафҳаи 324 аз мақолаҳои Маҳмуди Умедсолор ва Катоюни Маздопур сухан меравад ва ҳавола ба манбаи электронӣ дода мешавад. Вале роҷеъ ба исми матолиби муаллифони мазкур чизе равшан нест ва дар феҳристи адабиёти истифодашуда ҳам иттилое дар бораи ин мақолот мушоҳида намегардад. Хуб мебуд, диссертант дар феҳристи адабиёт мақолоти мазкурро мутобиқ бар меъёрҳои зикр манобеи электронӣ дар бахши алоҳида меовард.

5. Натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти зиёди амалиро моликанд. Ҳам дар бахши адабиётшиносӣ, ҳам матншиносиву мардумшиносӣ, решашиносӣ ва шевашиносӣ, ҷуғрофиёи таърихӣ ва амсоли ин, ки дар ҷараёни баррасии фаслҳои алоҳидаи диссертатсия ба он ишорат шуд. Аммо ба мушоҳида мерасад, ки ин аҳаммият ва арзишҳои дигари амалии диссертатсия дар бахши “Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ” дар сатҳи зарурӣ таҷассум наёфтаанд.

6. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад мебошад. (Масалан, саҳ. 18, 124, 131, 191, 238, 239. 240, 253, 325, 356 ва ғ).

Албатта, ин қайду эродҳои мавриди назари мо ҳаргиз ба аҳаммияти илмии диссертатсия таъсир намегузоранд ва ағлаби онҳо ба ҳукми пешниҳод баён шудаанд.

Дар маҷмуъ, метавон изҳор дошт, ки **диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович** ба яке аз масоили муҳими адабиётшиносии тоҷик ихтисос ёфта, вазифаҳои аслии дар меҳвари таҳқиқот гузошташуда ҳангоми таълифи он ҳаллу фасли худро пайдо кардаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, пурра мувофиқат карда, дар якҷоягӣ бо мақолаи муаллиф муҳтавои онро комилан ифода мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи **Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович** дар **мавзуи "Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)"**, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
директори институти илмӣ-тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797
емайл: nurali74@mail.ru

Имзои Нуров Нуралӣ Норовичро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Сайдуллозода З.
«2» майи соли 2025